## Меъёрҳои ҳуқуқии ВНМО дар қаламрави Федератсияи Россия

Тибқи Қонуни Федералӣ аз 25 июли соли 2002 тахти рақами 115-ФЗ «Оиди ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Федератсияи Россия» шаҳрвандони хориҷа мубталои нашъамандӣ бошанд, ё ки маълумотнома (сертификат) дар бораи надоштани ВНМО бо худ надошта бошанд ё ин ки дорои ягон касалии сироятӣ бошанд, ки хатар барои атрофиён дошта бошад, ба онҳо иҷозатнома барои зисти муввақатӣ, иҷозатнома барои кор дода намешавад ва иҷозатномаҳое ки онҳо доранд бекор карда мешаванд.

Номгӯи ин гуна касалиҳо ва тартиби муайян шудан ё нашудани онҳоро Ҳукумати ФР тасдиқ мекунад.

Маълумотномаро (Сертификат) зарур аст, ки дар муддати 30 рӯз аз рӯзи гирифтани иҷозатнома барои кор гирифта ба Хадамоти Муҳоҷиратии Федералӣ (ФМС) ё ки ба шӯъбаҳои минтақавии он пешниҳод кардан лозим аст.

Ташхиси ВНМО ва дигар касалиҳои сироятӣ дар Марказҳои СПИД ва дигар муассисаҳои тиббӣ гузаштан мумкин аст.

Барои шарвандони хориҷӣ ин хизматрасониҳо пулакӣ мебошад.

## Суроға ва телефони Маркази СПИД:

ГО г. Уфа, ул. Цюрупы, 86,
телефон: 250-04-72





Материалы разработаны при содействии Региональной общественной организации специалистов по профилактике и борьбе с распространением инфекционных заболеваний Республики Башкортостан «Движение»



Государственное бюджетное учреждение здравоохранения Республиканский центр по профилактике и борьбе со СПИДом и инфекционными заболеваниями
ГО г. Уфа, ул. Цюрупы, 86, по телефон доверия: 250-04-72
официальный сайт www.ufaaids.bashmed.ru



# ВНМО ва БНММ



## Маълумот барои муҳоҷирони меҳнатӣ

**Муҳоҷират - ин ҳам меҳнат ва ҳам хатар дар роҳи расидан ба мақсад. Барои саломатии худро дар шароитҳои нав нигоҳ доштан ин варақаро ба Шумо пешкаш менамоем.**

## ВНМО ва АНМО ЧИСТ?

ВНМО – ин шакли мухтасари номи «вируси норасоии масунияти одам» мебошад.

**В (вирус)** – ин микрохуҷайраи махсус буда дар дохили хуҷайраҳои организми зинда метавонад инкишоф ёбад.
**НМ (норасоии масуният)** – ин вайроншавии кори хуби системаи муҳофизат (масуният) мебошад, ки дар он организми одам ба бемориҳои гуногун наметавонад мубориза барад.
**О (одам)** – яъне, ки ба ин вирус танҳо одамон метавонад сироят ёбанд.

АНМО – ин шакли мухтасари номи «аломати норасоии масунияти одам» мебошад.

**А (аломат)** – ин ҷамбасти нишонаҳо ва аломатҳо, чунки одамоне, ки ба АНМО мубтало шудаанд, метавонад бемориҳои гуногун ва сироятии иловагӣ дошта бошанд.
**Н (норасоӣ)** – модарзотӣ не, балки дар давоми зиндагӣ гирифтор шудан
**М (масуният)** – ба масунияти одам тааллуқ дорад, ки он организми моро аз барангезандаҳои гуногун, вирусҳо ва замбуруғҳо муҳофизат менамояд.
**О (одам)** – ба ин беморӣ танҳо одамон мубтало мешаванд.

Аз ин лиҳоз, ВНМО – ин вирусе, ки одамон ба ӯ сироят меёбанд, ва АНМО – ин бемориe, ки дар шахси мубталои ВНМО инкишоф меёбад.

## Чӣ тавр ВНМО мегузарад?

**Танҳо се роҳи гузариши ВНМО вуҷуд дорад:**

- **Алоқаи ҷинсӣ** – ҳангоми алоқаи ҷинсии бе муҳофизат (бе истифода аз рифола);
- **Ҳангоми ба организми одам ворид шудани хуни бо ВНМО сироятшуда** - бештар ин ҳангоми истифодабарии маводи нашъаовар бо сӯзандоруи тамъизнашуда мегузарад;
- **Аз модар ба кӯдак** – ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллудкунӣ ё ин ки ширмаконӣ.

**ВНМО дар шароитҳои зерин намегузарад:** ҳангоми бӯса кардан, оғӯш гирифтан, якҷоя ба варзиш машғул шудан, оббозӣ кардан, истифода бурдани косаю табақи умумӣ ва таҷҳизотҳои ошхона, саҷоқ, ва инчунин ҳангоми газидани ҳашарот.
Дар оби даҳон, чашм ва пешоб миқдори вирус паст буда барои мубтало шудан кифоя нест.

## Муоина ба ВНМО

Аз нишонаҳои зоҳирӣ фаҳмидани гирифтор будан ё набудани инсон ба ВНМО номумким аст.
Ягона усули фаҳмидани сирояти ВНМО ин гузаронидани ташхис ба антителаҳои вирус мебошад, ки онҳо баъди гузаштани якчанд вақт (бештар баъди 3 моҳ) аз рӯзи сироят пайдо мешаванд.
Барои ин ташхис аз раги инсон дар муасиссаҳои тиббӣ хун гирифта мешавад.
Дар аввали беморӣ инсон ягон нишонаҳои касалиро ҳис намекунад.
Барои ҳамин, агар Шумо ягон бор маводи муҳаддир, сӯзандоруи тамъизнашуда истифода бурда бошед, алоқаи ҷинсии бе муҳофизат карда бошед, пас ба Шумо аз ташхис ба ВНМО гузаштан зарур аст.
Ташхис ба ВНМО дар Марказҳои СПИД ва дигар муассисаҳои тиббӣ гузаштан мумкин аст.
Дар утоқҳои махфӣ ташхисро бе гуфтани ному насаб гузаштан мумкин аст.

## Чӣ тавр хатари сироятии ВНМО паст кардан мумкин аст?

Муҳофизати пурра аз сирояти ВНМО ҳангоми алоқаи ҷинсӣ танҳо дар ҳолате худдорӣ намудан аз алоқаи ҷинсӣ ва вафодор будан ба як дигар кафолат медиҳад. Ба ғайр аз ин, ҳангоми истифодабарии рифола муҳофизати сироятии ВНМО баланд мешавад.
Барои пешгирии роҳҳои дигари сироят ин пешгирӣ кардани алоқа бо хуни бегона.
Барои ин:

- Агар имконият бошад, ба шарики ҳамхоби худ вафодор бошед ёки шарикони ҳамхобаи худро кам кунед;
- Ҳангоми ҳар як алоқаи ҷинсӣ аз рифола истифода баред.
- Танҳо бо ришгирак, дандоншуяки худ ва дигар таҷҳизотҳои гигиенаи шахсӣ истифода баред;
- Агар Шумо вашмкунӣ (татуировка) ва сӯрох кардани гӯш ё дигар узвҳоро (пирсинг) хоҳед, он гоҳ танҳо асбобҳои тамъизшударо истифода баред;
- Агар ба Шумо доругузаронӣ лозим бошад, он гоҳ танҳо сӯзандоруӣ яккарата ё ки тамъизшударо истифода баред;
- Ҳангоми нақшакунии кӯдак ё ки ҳомиладоршавӣ ҳар чи зудтар ба Маркази СПИД ё ки ба дигар муассисаи тиббӣ барои муоина муроҷиат кардан лозим аст.

Дар ҳолати муайян кардани ВНМО истифодаи доруҳои ҳозиразамон метавонад хатари таваллудшавии кӯдак бо ВНМО паст кунад.

## Табобати ВНМО

Тибби ҳозиразамон имкон намедиҳад, ки вирусро дар организми одам тамоман нобуд созад. Аммо, маводҳои ҳозиразамон метавонанд инкишофи бемориро нигоҳ дошта, ҳолати беморро беҳтар месозанд ва ҳаёти ӯро ба чандин солҳо хатто даҳсолаҳо дароз мекунанд. Диққати махсус дар вақти табобати ВНМО ва АНМО ба риояи сари вақт истеъмол кардани маводҳои доруворӣ дода мешавад, чунки риоя накардани нақшаи истеъмолии доруворӣ сифати табобатро паст мекунад.
Агар Шумо гирифтори ВНМО бошед, баъди бозгашт ба давлати худ барои таъин кардани табобат ва паст намудани хатари сироятии аҳли оилаатон, ба муассисаи тиббии махсус – Маркази СПИД дар ҷои зистатон ё ки беморхонаи касалиҳои сироятӣ барои гирифтани маълумот муроҷиат намоед.







